*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, ш.Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 1)*

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода Мумин Машокир ба диссертатсияи Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович дар мавзуи «Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович соли 2015 Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси 25.01.08.00 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит хатм намуда, худи ҳамон сол ба магистратураи муассисаи номбурда дохил шудааст. Соли 2017 ба докторантураи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дохил шуда, соли 2020 онро аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) бомуваффақият хатм намудааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз соли 2017 ба сифати ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оғоз намуда, аз моҳи сентябри соли 2021 ба ҳайси муаллими калони ҳамин кафедра фаъолият мебарад.

Дар рафти таълифи диссертатсия Ҷураев М.Б. дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ фаъолона иштирок намуда, ҳамзамон дар семинарҳои илмӣ-назариявии донишгоҳ ва кафедра бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намудааст. Аз ҷониби докторант имтиҳонҳо маҷмуавӣ бомуваффақият супорида шуда, аз рӯи самти мавзуъ 11 мақолаи илмӣ омода ва нашр гардидааст, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Рисолаи диссертатсионии Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович ба таҳқиқи масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии минтақаҳо, инчунин омӯзиш ва дарёфти роҳҳои истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷа барои ташаккул ва рушди рақобатпазирии минтақавӣ, такомули механизмҳои идоракунии минтақавӣ бахшида шудааст, ки дар солҳои

соҳибистиқлолӣ басо мубрам ба ҳисоб меравад. Зеро фаъолияти самарабахши рақобатпазирии иқтисодиёт ба сатҳи баланд бардоштани некуаҳолии мардум нақши калидиро иҷро менамояд.

Ҳангоми иҷроиши рисолаи диссертатсионӣ Ҷураев М.Б. бо ҳаҷми зиёди адабиёти илмӣ кор намуда, маводҳои зарурии омориро оид ба масъалаи омӯхташаванда ҷамъ ва коркард намудааст. Дар диссертатсия назарияҳои муосир оид ба ташаккул ва рушди рақобатпазирии минтақаҳо, таҳқиқ карда шуда, баҳодиҳии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон дар кори диссертатсионӣ ҷиҳати муайян намуднаи ҳолати муосири рақобатпазирии иқтисодиёти вилояти Суғд таҳлили амиқ гузаронида шудааст.

Ҷураев М.Б. дар асоси тадқиқотҳои худ самтҳои такомули механизми идоракунии иқтисодиёти минтақаро барои рушди минтақаҳои алоҳида асоснок намудааст, ки он дар илми иқтисодии муосири кишвар аҳамияти зарурироба худ доро мебошад.

Мазмун ва мундариҷаи тадқиқоти рисолаи докторӣ ва арзиши илмии он ба Шиносномаи номгӯйи тахассусҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат менамояд.

Дар раванди навиштани рисолаи илмӣ Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович худро ҳамчун тадқиқотчии моҳир нишон дод, ки аз дорои донишҳои васеи назариявӣ ва амалӣ будани ӯ шаҳодат медиҳад. Дар ҷараёни иҷроиши кори тадқиқотӣ нисбати худ серталаб буда, масъулияти баландро зоҳир намуд.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд барои ташаккули низоми рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, инчунин дар раванди таълим ҳангоми омодакунии бакалаврҳо ва магистрҳо аз рӯи самти “Иқтисодиёти корхона ва минтақа” истифода гарданд.

Чун хулоса боиси қайд аст, ки дар кори диссертатсионӣ вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтанд ва докторант ба мақсади интизорӣ расидааст.

Боиси қайд аст, ки диссертатсияи мазкур ба талаботҳое, ки аз ҷониби КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати чунин корҳо гузошта шуда ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор

аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**д.и.и., профессор** **Шарифзода М.М.**


***Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***Вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, мкр-и 17, бинои 1,***
***Тел:+7992(38422)2-38-11,7992(38422)2-35-94***


Имзои д.и.и., профессор Шарифзода М.М.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпочоев И.Ҳ.

"31" 03 2022